«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА
НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР,
ПРОФЕССОР ________________ МАХМАДЁРЗОДА У.М.
«___» ______________ С. 2023

# ХУЛОСАИ

**ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур**

Ба диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит).

Манучеҳри Нозимии Раҷабзода, соли таваллуд 18.05.1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2013 факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит ва соли 2016 шуъбаи магистратураи донишгоҳи номбурдаро аз рӯйи ихтисоси «Ҳисоби бухгалтерӣ ва аудит» хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳ соли 2016 ба шуъбаи докторантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит дохил шуда, онро соли 2019 хатм кардааст (Маълумотнома № 344, аз 14 январи соли 2022).

Дар ин давра дар якчанд конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, инчунин дар машваратҳои илмии донишгоҳ фаъолона ширкат варзидааст.

Солҳои 2017–2021 ба ҳайси ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва аз соли 2022 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит кор ва фаъолият менамояд.

Роҳбари илмӣ:

Низомов Самариддин Фахриевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони холис:**

Шарифов Зариф Раҳмонович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Саидов Миирзохуҷа Саъдуллоевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур;

Набиев Инъомҷон Илҳомович – номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи "Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ" ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

**Мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Ҳадафи сиёсати аграрии Тоҷикистон баланд бардоштани суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, баланд бардоштани самаранокии он, таъмини рақобатпазирӣ ва ҷолибияти ҳаёт дар деҳот мебошад.

Мутаассифона, ҳолати соҳа ба рақобатҳои бозор рӯ ба рӯ шуд ва дар натиҷа, истеҳсоли маҳсулот аз сабаби ақибмонии ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ таъминоти иттилоотии менеҷмент барои қабули қарори дурусти идоракунӣ коҳиш ёфтааст. Дар низоми танзими меъёрии баҳисобгирии миллӣ таснифоти илман асоснокшудаи дороиҳои биологӣ ташаккул дода нашудааст, принсипҳо ва алгоритмҳои баҳисобгирии дороиҳои биологӣ аз рӯйи арзиши одилона ва равишҳои методии муайянкунии арзиши одилона коркард нашудааст, низоми асонокшудаи ҳаракати дороиҳои биологӣ ва натиҷаҳои шакливазкунии биологии онҳо дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ коркард нашудааст.

Дар баробари ин, новобаста аз рушди назария ва амалияи баҳисобгирии бухгалтерӣ дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, масъалаҳои баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ ба таври пурра ҳаллу фасл карда нашудааст. Вобаста ба ин, таҳқиқи асосҳои назариявӣ, таҳлили амалияи мавҷуда, таҳияи дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати

табдилёбии биологӣ дар парандапарварӣ рузмарра буда, аз мубрамии мавзуи интихобшуда шаҳодат медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳияи асосҳои назариявӣ, ташкилӣ-методӣ ва коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ иборат аст.

Вобаста ба мақсади гузошташуда дар кори илмӣ масъалаҳои зерин гузошта ҳал карда мешаванд:

1. Таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ;
2. Таъсири хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии соҳаи парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ;
3. Таҳқиқи ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии парандапарварӣ;
4. Омӯзиши ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ;
5. Таҳияи чараёни буҷетикунонии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ;
6. Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот таҷрибаи амалкунандаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методии ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он такя мекунад, ки рушди минбаъдаи методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ имконият медиҳад: 1) муҳтавои иқтисодии мафҳуми "дороиҳои биологӣ" дақиқ карда шавад; 2) ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мукаммал карда шавад; 3) дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ инъикоси ҳаракати дороиҳои биологӣ ва натиҷаҳои шаклибазкунии онҳо тақвият дода шавад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии намояндагони мактабҳо ва равияҳои гуногун дар соҳаи баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил, назорат ва аудит, инчунин натиҷаи таҳқиқотҳои монографӣ ва интишоротҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд. **Асосҳои методологии таҳқиқотро**

усулҳои диалектикии донишҳо оид ба мавзуи таҳқиқот ташкил медиҳанд, ки омӯзиши эволютсияи муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд. Дар кори илмӣ чун анъана усулҳои умумиилмӣ истифода шудаанд, ба монанди абстраксияи илмӣ, таҳлили мантиқӣ, синтез. Ба сифати усулҳои махсус истифода шудаанд: таърихӣ, системавӣ, комплексӣ, гурӯҳбандӣ, моделронӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра.

**Иштироки шахсии унвонҷӯ дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсияи пешниҳод кардааст.** Диссертатсия натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ ба шумор меравад. Ақидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, ки нақши худро дар илми иқтисодӣ мегузоранд, ба муаллифи диссертатсия дахл дорад. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо ҳолатҳои асосӣ ва натиҷаи тадқиқот инъикос гардидааст.

**Сарчашмаи маълумот.** Пояи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии асосҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар Ҷумҳури Тоҷикистон танзим мекунанд, инчунин стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои баҳисобгирии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, маводҳои чопӣ ва электронӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар тӯли солҳои 2016-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмӣ дар коркардабароии асосҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорат, дар ин замина коркарди тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ мебошад. Натиҷаҳои муҳиме, ки аз ҷониби муаллиф ба даст омадаанд ва барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд, инҳо мебошанд:

- дар асоси назарияҳои илмӣ вобаста ба хусусияти соҳаи хоҷагии қишлоқ мафҳуми "дороиҳои биологӣ" дақиқ карда шуда, таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст. Таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ аз рӯйи як чанд аломатҳо асоснок карда шудааст, ки унсурҳои зеринро фаро мегиранд: вобаста аз намуди паранда, аз рӯйи самт, аз рӯйи усули истифодабарӣ, аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол, аз рӯйи

методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо, аз рӯйи муҳлати истифодабарӣ, аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок, аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, вобаста аз мақсади истифодабарӣ, аз рӯйи идора намудани таваккалҳо;

- хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии соҳаи парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ бо роҳи муайян намудани ҷараёнҳои технологӣ дар парандапарварӣ, инчунин сохтори ташкилӣ ба объектҳои баҳисобгирии хароҷот, интихоби усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти ба идоракунӣ ва хизматрасонии истеҳсолот алоқаманд, инчунин ба таркиб ва номгӯйи моддаҳои калкулятсионӣ таъсир мерасонад, ошкор ва асоснок карда шудаанд;

- мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии парандапарварӣ таҳқиқ карда шуда, таърифҳои мукамалгардидаи "назорати дохилӣ" ва "системаи назорати дохилӣ" пешниҳод карда шудааст. Назорати дохилӣ – фаъолияти мақомати идоракунӣ ва кормандони корхона, ки барои бақайдгирии майлкуниҳо аз натиҷаҳои пешбинишуда ва паст кардани хавфҳо, инчунин барои таъмини эътимоди комили расидан ба мақсадҳои корхона оид ба таъмини самаранокӣ ва натиҷанокии (самарабахшии) фаъолият, омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилию берунӣ ва риоя намудани талаботи меъёрҳои танзимкунанда равона карда шудааст. Модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард ва асоснок карда шудааст;

- ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва арзишмуайянкунӣ тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ марвиди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ коркард карда шуда, бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаҳои парандапарварӣ дар ҳисоби кулии 10751 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» кушодани ҳисобҳои ҷузъӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо нишон дода шудааст. Вобаста ба ин, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва дуюмдараҷаи соҳаи парандапарварӣ коркард карда шдуааст;

- асоснок карда шудааст, ки ҷараёни буҷетикунонии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ қисмати таркибии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад, ки идоракунии бизнесро ҳамчун ҷараёни пайдарпайро ифода карда, қисми ҷудонопазирии назорати дохилӣ асоснок карда шуда, стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаҳои парандапарварӣ таҳия карда шуда, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон (тухм, гушт, вазни зинда) буҷети истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ пешниҳод карда шудааст;

- роҳҳои рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, мукаммалсозии шаклҳои ҳуҷҷатгузории ибтидоии баҳисобгирӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар дисссертатсия тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд, ки ба рушди методика ва ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои назариявӣ метавонанд дар низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, методика ва тавсияҳои пешниҳодгардида ҳангоми мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва назорат аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ-консалтингӣ, корхонаҳои парандапарварӣ истифода карда шаванд.

**Алоқамандии мазмуни диссертатсия бо интихоби ихтисос.** Диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), мувофиқат мекунад.

**Апробатсия ва ҷорӣ намудани натиҷаи таҳқиқот.** Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ муҳокима ва баррасӣ шудаанд.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии “Саноати парандапарварии Тоҷикистон” (маълумотнома аз 27 октябри соли 2023, № 26), ҶДММ "Тоҷик Аудит Сервис" (маълумотнома аз 14 июни соли 2023, №21), инчунин дар ҷараёни таълими факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (маълумотномаи № 03/820 аз 16.10.2023)

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Ҷабҳаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии рисолаи илмӣ дар раванди тавсияҳо барои хонаводаҳо ва хоҷагиҳо мавриди истифода қарор доранд. Муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷмӣ 4,5 ҷузъи чопӣ (аз муаллиф – 3,6 ҷ.ч.), аз он ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳо оид ба такмили методикаи ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ пешниҳод ва қабул гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад, аз ҷумла таърифи муаллифии "дороиҳои биологӣ" дақиқ ва пешниҳод карда шудааст, таснифоти дороиҳои биологӣ аз рӯйи якчанд аломатҳо асоснок карда шудааст, модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард карда шудааст, объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ, кушодани ҳисобҳои ҷузъӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва дуюмдараҷаи соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти дисертатсиониро метавон ҳангоми коркарди муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати раванди тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Феҳристи корҳои чопшудаи муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия**

**а) Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда**

1. Манучеҳри, Н.Р. Рушди методикаи баҳисобгирии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / С.Ф. Низомов, Н.Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-1(46). – С. 187-197.

2. Манучеҳри, Н.Р. Мукаммалгардонии таъминоти методии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Б. А. Набиев, Н. Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 12. – С. 38-50.

3. Манучеҳри, Н.Р. Хусусиятҳои технологию соҳавии парандапарварӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ / М.Н. Раҷабзода // Кишоварз. – 2022. –№ 2. – С. 150-155.

4. Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Н. А. Абдулмуминзода, Н.Р. Манучеҳри // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1(77). – С. 130-149.

5. Манучеҳри, Н.Р. Таснифоти дороиҳои биологӣ ва ташкили баҳисобгирии онҳо: муаммоҳо ва роҳҳои ҳали онҳо / М. Н. Раҷабзода // Кишоварз. – 2021.- № 3 (92). - С. 173-180.

6. Манучеҳри, Н.Р. Системаи назорати дохилӣ: Ҷанбаҳои назариявӣ / Н.Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 5. – С. 116-121

**б) дар дигар нашрияҳо:**

7. Манучеҳри Н.Р. Баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / Низомов С.Ф., Манучеҳри Н.Р. / Конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80 - солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. дар мавзуи «Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ» (қисми 2) (21-23 майи соли 2022) / зери таҳрири д.и.и., проф. Хушвахтзода Қ.Х. – Душанбе, ДМТ, 2022.- 408 с. - С. 150-156.

8. Манучеҳри, Н.Р. Особенности калькулирования себестоимости продукции в птицеводстве // Вестник ИЗВЕСТИЯ Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2022. – №3 (38) 2022. - С. 184-189

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), шунидани тақризи роҳбари илмӣ - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Низомов С.Ф., баромади муқарризони холис - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Саидов М.С., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Набиев И.И. маҷлиси васеи кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода,

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Дисертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) пешниҳод гардидааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори

ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 367) ҷавобгӯ мебошад.

2. Дисертатсияи Манучеҳри Нозимии Раҷабзода дар мавзуи «Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида ба экпертизаи навбатӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 20 нафар, аз онҳо бо ихтисоси диссертатсияи муҳокимагардида д.и.и., профессор 2 нафар.

Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст:

-“тарафдор” – 20 нафар

- “зид” – нест

- бетараф” - нест

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 27 ноябри соли 2023, протоколи №4а кабул гардидааст.

Раиси ҷаласа,
мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, н.и.и., дотсент Кабиров Н.Ш.

Котиби ҷаласа,
н.и.и., дотсент Мирзоев С.А.

Имзоҳои Кабиров Н.Ш. ва Мирзоев С.А.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои
ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.